# Бозёфте аз Самарқанд

*“Маориф ва маданият”*, No 90 (4180),
*1 августи* 1970

Дар илми адабиётшиносӣ мавҷудияти ду нусхаи «Бадоеъ-ус-саноеъ» ном асари Атоулло Маҳмуди Ҳусайнӣ (вафоташ 1513) маълум буд, ки ҳар ду ҳам дар шаҳри Ленинград маҳфузанд. Яке дар китобхонаи оммавии давлатии ба номи Салтиков-Шедрин (рақами ДОТП 319); дигар дар шӯъбаи ленинградии Институти шарқшиносии АФ СССР (рақами В-3760).

Ҳамон навъе ки маълум аст (дар ин хусус чанд мақолаи А. Сатторов, А. Пӯлодӣ. А. Ғаниев ва муаллифи ин сатрҳо нашр гардида буд) адабиётшиноси забардасти тоҷику форс Атоулло Маҳмуди Ҳусайнӣ бо ташвиқ ва мадади моддию маънавии Алишери Навоӣ дар масъалаи санъатҳои бадеӣ «Бадоеъ-ус-сеноеъ» ном асаре намудааст, ки санаи таълифи он соли 1493 мебошад.

Ба қарибӣ нусхаи дигари асари мазкур ёфт шуд, ки онро музеи республикавии таъриху маданияту санъати Самарқанд аз сокини ин ҷо Абдулҳамид Пӯлодӣ ба даст даровардааст ва ҳоло он таҳти рақами КП- 3351 дар Музеи номбурда нигоҳ дошта мешавад.

Ин дастхат, ки бо хати хушхону зебои настаьлиқ адо ёфтааст, ҳамагӣ аз 372 саҳифа иборат буда, аз онҳо 368 саҳифаро бевосита матни “Бадоеъ-ус-саноеъ” дарбар мегирад. Матни асар комил мебошад; дастхат бисёр нағз нигоҳ дошта шудааст ва он осебе надидааст.

Дар дастхат ҳамчун ҳар ду нусхаи шаҳри Ленинград номи котиб ва санаи китобат дида намешавад. Вале азбаски нусхаи китобхонаи ба номи Салтиков-Шедрин вақфи китобхонаи Сафариён (дар Ардабил) будааст, маълум мегардад, ки он дар асри

XVI китобат шудааст. Нусхаи дуюми ленинградӣ бошад, оғозу анҷом надорад ва китобати он тахминан дертар ба вуқӯъ омадааст.

Аммо дар асоси баъзе мулоҳизаҳо ба фикри қатъие омадан мумкин аст, ки нусхаи Самарқанд қадимтар ва мӯътабартар мебошад. Қисме аз далелҳое, ки хонандаро ба ин хулоса ҳидоят менамоянд, инҳо мебошанд:

1) Чунон ки дар нусхаи китобхонаи ба номи Салтиков Шедрин мавҷуд аст, дар нусхаи Самарқанд баъд аз зикри феҳрасти асар нисбат ба Атоулло таъбири таърифии «Ҳазрати махдумӣ, устодӣ»... ва инчунин мафҳуми «марҳумӣ» ба назар намерасад.

2) Дар нусхаи Самарқанд чанд порчаи тавсифӣ дар ҳаққи Навоӣ мавҷуданд, ки қисме аз онҳо дар нусхаҳои дар Ленинград буда дида намешаванд. Масалан, дар саҳ. 28, ки охири «Муқаддима» аст, чунин порчаи иловагиро мехонем». «Ва ҳазрат... (яъне Навоӣ - Р. М.) ба ҷиҳати оммаи шуаро ваъда фармудаанд, ки китобе ба фаҳм наздик бар тариқи «Рисолаи муфридот» ки дар фанни муаммо навиштаанд, нависанд ва номи он таъин фармудаанд, ки «Мизон-ул-авзон» хоҳад буд. Умедвории бағояти ҳазрати бурудгарӣ он-к тавфиқи он хайр ёфта, онро анқариб тасниф намоянд, то ҳар касро дар он фан (яъне арӯз - Р. М.) мушкиле пеш ояд, руҷӯъ бадон китоб намояд, чунон-к дар ин рӯзгор ҳар киро дар ҳар фан ва кор мушкилие пеш меояд руҷӯъ ба даргоҳи афозилпаноҳи он ҳазрат менамоянд». Аз ин ҳолат гумон кардан мумкин аст, ки нусхаи мазкур дар замони барҳаёт будани Алишери Навоӣ рӯйбардор гардидааст.

3) Дар ин нусха ба ҷуз қайдҳои ҳошиявие, ки аз тарафи котиб ба баъзе хонандагони ҳаваскор анҷом ёфтаанд, боз ҳошияҳое мавҷуданд, ки характери таҳририӣ доранд ва худи ҳамон шахс (яъне бо ҳамон қалам) баъзе ҷойҳои матнро пок карда, аз нав навиштааст. Ин ҳолатро махсусан дар саҳифахои 89, 92, 168, 197, 203, 229, 354 ва ғайра ҳангоми ислоҳ ва таҳрири порчаҳои шеърие, ки мансуб ба

худи Атоулло мебошанд, равшан мушоҳида кардан мумкин аст. Аз ин ҷо ба тахмине омадан, ки баъд аз руйнавис кардани котиб Атоуллло Маҳмуди Ҳусайнӣ асари худро боз таҳрир кардааст ва шояд ин нусха ҳамон нусхаи таҳрирхӯрда бошад.

Дар асоси мулоҳизаҳои боло ва баъзе андешаҳои дигар метавон тахмин кард, ки нусхаи Самарқанд дар охирҳои асри XV ба миён омадааст.

Аммо аз ҳама муҳимтараш ин аст, ки нусхаи Самарқанд баъзе камбудиҳои нусхаи Ленинградро пурра менамояд ва барои омода намудани матни илмӣ-интиқодии асар ёрии бағоят бузурге мерасонад.

**Р. МУСУЛМОНҚУЛОВ**

# Бозёфте аз Самарқанд

Дар илми адабиётшиносӣ мавҷудияти ду нусхаи «Бадоеъ-ус-саноеъ» ном асари Атоулло Маҳмуди Ҳусайнӣ (вафоташ 1513) маълум буд, ки ҳар ду ҳам дар шаҳри Ленинград маҳфузанд. Яке дар китобхонаи оммавии давлатии ба номи Салтыков-Щедрин (рақами ДОТП — 319); дигар дар шӯъбаи ленинградии институти шарқшиносии АФ СССР (рақами В-3760).

Ҳамон навъе ки маълум аст (дар ин хусус чанд мақолаи А. Сатторов, А. Пӯлодӣ, А. Ғаниев ва муаллифи ин сатрҳо нашр гардида буд) адабиётшиноси забардасти тоҷику форс Атоулло Маҳмуди Ҳусайнӣ бо ташвиқ ва мадади моддию маънавии Алишери Навоӣ дар масъалаи санъатҳои бадеӣ «Бадоеъ-ус-саноеъ» ном асаре эҷод намудааст, ки санаи таълифи он соли 1493 мебошад.

Ба қарибӣ нусхаи дигари асари мазкур ёфт шуд, ки онро музеи республикавии таъриху маданияту санъати Самарқанд аз сокини ин ҷо Абдулҳамид Пӯлодӣ ба даст даровардааст ва ҳоло он таҳти рақами КП — 3351 дар музеи номбурда нигоҳ дошта мешавад.

Ин дастхат, ки бо хати хушхону зебои настаълиқ адо ёфтааст, ҳамагӣ аз 372 саҳифа иборат буда, аз онҳо 368 саҳифаро бевосита матни «Бадоеъ-ус-саноеъ» дарбар мегирад. Матни асар комил мебошад; дастхат бисёр нағз нигоҳ дошта шудааст ва он осебе надидааст.

Дар дастхат ҳамчун ҳар ду нусхаи шаҳри Ленинград номи котиб ва санаи китобат дида намешавад. Вале азбаски нусхаи китобхонаи ба номи Салтыков-Щедрин вақфи китобхонаи сафариён (дар Ардабил) будааст, маълум мегардад, ки он дар асри XVI китобат шудааст. Нусхаи дуйўми ленинградӣ бошад, оғозу анҷом надорад ва китобати он тахминан дертар ба вуқӯъ омадааст.

Аммо дар асоси баъзе мулоҳизаҳо ба фикри қатъие омадан мумкин аст, ки нусхаи Самарқанд қадимтар ва мӯътабартар мебошад. Қисме аз далелҳое, ки хонандаро ба ин хулоса ҳидоят менамоянд, инҳо мебошанд:

1). Чунон ки дар нусхаи китобхонаи ба номи Салтыков-Щедрин мавҷуд аст, дар нусхаи Самарқанд баъд аз зикри феҳрасти асар нисбат ба Атоулло таъбири таърифии Ҳазрати махдумӣ, устодӣ»... ва инчунин мафҳуми «марҳумӣ» ба назар намерасад.

2). Дар нусхаи Самарқанд чанд порчаи тавсифӣ дар ҳаққи Навоӣ мавҷуданд, ки қисме аз онҳо дар нусхаҳои дар Ленинград буда дида намешаванд. Масалан, дар саҳ. 28, ки охири «Муқаддима» аст, чунин порчаи иловагиро мехонем». «Ва ҳазрат... (яъне Навоӣ — Р. М.) ба ҷиҳати оммаи шуаро ваъда фармуда анд, ки китобе ба фаҳм наздик бар тариқи «Рисолаи муфридот» ки дар фанни муаммо навиштаанд, нависанд ва номи он таъин фармудаанд, ки «Мизон-ул-авзон» хоҳад буд. Умедвории бағояти ҳазрати бурудгарӣ он-к тавфиқи он хайр ёфта, онро анқариб тасниф намоянд, то ҳар касро дар он фан (яъне арӯз — Р. М.) мушкиле пешояд, руҷӯъ бадон китоб намояд, чунон-к дар ин рӯзгор ҳар киро дар ҳар фан ва кор мушкиле пеш меояд руҷӯъ ба даргоҳи афозиллаоноҳи он ҳазрат менамоянд». Аз ин ҳолат гумон кардан мумкин аст, ки нусхаи мазкур дар замони барҳаёт будани Алишери Навоӣ рӯйбардор гардидааст.

3). Дар ин нусха ба ҷуз қайдҳои ҳошиявие, ки аз тарафи котиб ба баъзе хонандагони ҳаваскор анҷом ёфтаанд, боз ҳошияҳое мавҷуданд, ки характери таҳрирӣ доранд ва худи ҳамон шахс (яъне бо ҳамон қалам) баъзе ҷойҳои матнро пок карда, аз нав навиштааст. Ин ҳолатро махсусан дар саҳифаҳои 89, 92, 168, 197, 203, 229, 354 ва ғайра ҳангоми ислоҳ ва таҳрири порчаҳои шеърие, ки мансуб ба худи Атоулло мебошанд, равшан мушоҳида кардан мумкин аст. Аз ин ҷо ба тахмине омадан ки баъд аз рӯйнавис кардани котиб Атоуллло Маҳмуди Ҳусайнӣ асари худро боз таҳрир кардааст ва шояд ин нусха ҳамон нусхаи таҳрирхӯрда бошад.

Дар асоси мулоҳизаҳои боло ва баъзе андешаҳои дигар метавон тахмин кард, ки нусхаи Самарқанд дар охирҳои асри XV ба миён омадааст.

Аммо аз ҳама муҳимтараш ин аст, ки нусхаи Самарқанд баъзе камбудиҳои нусхаи Ленинградро пурра менамояд ва барои омода намудани матни илмӣ-интиқодии асар ёрии бағоят бузурге мерасонад.

Р. МУСУЛМОНҚУЛОВ.

М ва Ҳ 1 авг. 1978 № 30 (4180)